Гулрухсор

# Таронаи Ватан





## ТАРОНАИ ВАТАН

Ду чашми дурбини ман,
Суруди аввалини ман,
Нидои вопасини ман,
Худои дар замини ман,
Ватан!


КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА
БАРГАРДОНЕД

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

ЧДММ «Ҳоҷӣ Ҳасан»

Гулрухсор

# Таронаи Ватан



ТЧБ «Истиқбол»
2012



# ТОҶИКИСТОН

Обрӯям, эътиборам,
Зиндагиям, рӯзгорам,
Ҳар чи ҳастам, бо ту ҳастам,
Ҳар чи дорам, бо ту дорам,
Тоҷикистон!

***

Бо дили аз меҳри ту саршор, саршор,
Бо сари аз фахри ту чархи баринам,
Дур рафтам,
    то туро наздик бинам,
Аз ту рафтам,
    то ҳаме бо ту нишинам,
Тоҷикистон!

***

Мулкҳои дидаам аз ёд рафтанд,
Лолаҳои чидаам бар бод рафтанд,
Ман ки бо ёди ту будам ҳар куҷое,
Дидаву бишнидаам аз ёд рафтанд,
Тоҷикистон!

***

Аз замин то осмонро дӯст дорам,
Бас туро ман дӯст дорам, Тоҷикистон!
Лаҳзаро дар ҷовидонат мепарастам,
Мепарастам бас туро, парвардигорам,
Тоҷикистон!

Пайкари мардони хокӣ,
Кони кашшофон надида.
Эй шуои аҷлу дида,
Эй суруди носуруда,
Тоҷикистон!



## ШОҲНОМА

Шоҳнома сухан аст,
сухани бемаргӣ.
Шоҳнома рӯҳ аст
ба тани бемаргӣ.
Шоҳнома Ватан аст,
Ватани бемаргӣ.

Оре, оре,
Шоҳнома Ватан аст!
Ватане, к-аз ману ту
Натавонанд ба шамшеру ба тазвир
рабудан.
Шоҳнома хирад аст,
Хираде, ки ба ҷаҳон омӯзад
Ҳунари аз аҷали ҷаҳл
намурдан.
Шоҳнома адаб аст,
Адабе, к-аз самари сабздарахташ
Ҷовидон баҳра бигирем.
Шоҳнома нафас аст,
Нафасе, к-аз ману ту гар бирабоянд,
Бимирем!
Бимирем!



## ТАРОНАИ ВАТАН

Қасам ба чашмаҳои Яхч,
Ки оби дидаи мананд.
Ба ахгари ситораҳо,
Ки сӯзи чидаи мананд;

Ба ҷойи молу симу зар
Маро бувад яке ҳунар,
Ҳақиқати ту дар забон,
Муҳаббати ту роҳбар, Ватан!

Чӣ бок, гар сияҳдиле
Ба нури ту нигаҳ накард?
Туро шаби сиёҳ ҳам
Ба чашми ман сияҳ накард.

Дар осмони ин замон
Чу Каҳкашон ягонаӣ.
Ба марги душманони худ
Чу адл ҷовидонаӣ, Ватан!

Ҳазор пушта сар зада
Зи гӯри бачаҳои ту.
Ҳазор ахтари ҳаёт
Парида аз самои ту;

Ки то замони садзабон
Ба ҳикмати ту тан диҳад.
Зи минбари баланди сулҳ
Ба ту аввал сухан диҳад, Ватан!

Баҳори дил, қарори ҷон,
Мадори шаҳпарам, Ватан,
Чу ақл дар сарам, Ватан,
Ба ҷойи модарам, Ватан!

Ду чашми дурбини ман,
Суруди аввалини ман,
Нидои вопасини ман,
Худои дар замини ман, Ватан!

## САВГАНД

Ватан, эй модари аз тоқати таҳқир хаста,
Ватан, эй шаҳчинори аз шамоли ҷаҳл бишкаста,
Зи баъди сад ҳазорон сол,
Зи қаъри сад қабат хоки сиёҳ
Аламҳои ту бар ёдам расад,
фарёд хоҳам кард.
Ватан, бо номи ту,
бо нанги ту,
Бо ишқи маҷрӯҳи набарди ту,
Ба ҷойи ошиқони шермарду ғӯрамарги ту
Бинои шӯҳрату шони туро
бунёд хоҳам кард!

Ватан, «Шаҳнома»-и рӯҳи туро
Дар партави нуру зиё
Бо килки умеду вафо
эҷод хоҳам кард.
Ватан, аз санғҳои бар сарат
бишкастаи фарзандҳои носазоворат
Туро бунёд хоҳам кард,
Туро обод хоҳам кард!





## ТАРОНАИ МУҲАББАТ

Чу нури ҳақ зи ҳақрасон расидаӣ,
Чу субҳ аз дили шабон расидаӣ,
Чу тахти бахти тоҷикон расидаӣ,
Зи меҳри пок меҳрабон расидаӣ:
Замини нозанини мо
туйӣ, Ватан!
Умеди охирини мо
туйӣ, Ватан!

Мақоми мо фарози ифтихори туст,
Мароми мо ниёзи нангу ори туст,
Сиришти мо сафои рӯдбори туст,
Биҳишти мо ҳисори кӯҳсори туст:
Замини нозанини мо,
Умеди охирини мо
туйӣ, Ватан!

Ту субҳи нодамидаро башоратӣ,
Ту бахти тоҷиконаро иморатӣ,
Ту такядори ваҳдату муҳаббатӣ,
Ту қисматӣ,
ту модарӣ,
ту миллатӣ:
Замини нозанини мо
туйӣ, Ватан,
Умеди охирини мо
туйӣ, Ватан!

## ВАТАНАМ

Тоҷикистон, сари ҳар санги ту бар ман Ватан аст,
Бари ҳар буттаи хори ту бароям чаман аст.
Заррае некам агар, дарси ту аз бар кардам,
Заррае хубам агар, ҳусни ту мероси ман аст.

Кӯҳсорони ту аз нуқраву тиллост баланд,
Ту баландӣ зи баландии вафои писарон.
Сари ҳар сахра яке кулбаи сангӣ барҷост,
Ҳамраҳи меҳри ту олам ҳама гунчад дар он.

Ватанам, эй Ватани майдаи мардони калон!



## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Бе забони модарӣ
бе меҳанам,
Бе забони модарӣ
бе кишварам.
Бе забони модарӣ
бе миллатам,
Бе забони модарӣ
бе модарам!





## ПАЙВАНД

Атри «Ҷӯйи Мулиён»-у накҳаташ
Мо зи шеъри Рӯдакӣ бӯйидем.
Мо ҳама аз оби Рӯдак хӯрдаем,
Мо зи дарди Рӯдакӣ рӯйидаем!

## ШАҶАРА

Аз Бохтару Суғдам,
Аз Вустаму аз Зандам,
Рӯхоми Бадахшонам,
Вулқони Дамовандам.
Ман ҳаҷраму ман васлам,
Ман нусха наям, аслам,
Фарҳанги шарар дорад
Хуни рагу пайвандам.
Як зарра зи хуршедам,
Як ғунча зи умедам,
Як навда зи Даҳбедам,
Як ҳалқа зи Дарбандам.
Аз нураму аз норам,
Аз ғулхани гулхорам,
Аз Хоҷаи Аҳрорам,
Аз Яхчи Самарқандам!

ГУЛРУХСОР
«Таронаи Ватан»
*(шеърҳо барои кӯдакон)*

Душанбе, хиёбони Саъдии Шеърозӣ 16,
ТЧБ «Истиқбол» -2012

Муассис ва мушовир — Латофат Кенҷаева
Муҳаррир — Юсуфҷон Аҳмадзода
Мусаввир — Соима Абдуллоева
Тарроҳ — Гулъузор Маҳкамова
Мусаҳҳеҳ — Ганҷинаи Муллоҷон

ISBN978-99947-53-74-1
9 789994 753741

Ба чоп супорида шуд 15.02.2012с.
Ба нашраш имзо шуд 25.02.2012с.
Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопию хисобӣ 2,5.
Адади нашр 5000 Нархаш шартномавист

Дар интишороти «Imak-ofset» (Туркиё) чоп шудааст